# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**шурои диссертатсионии 6D. КОА-068 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ**

Парвандаи аттестатсионии №__

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 26-уми июни соли 2023, № 9

Барои сазовор донистани Турсунова Мунаввара Аъзамовна шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ.

Диссертатсияи Турсунова Мунаввара Аъзамовна “Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, тахти № 306 ) рӯзи 10 апрели соли 2023, суратҷаласаи № 24 барои ҳимоя қабул шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Турсунова Мунаввара Аъзамовна, соли таваллудаш 1973, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллаташ тоҷик, аз 02.09.2004 узви ҲХДТ.

Соли 1996 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанберо аз рӯйи ихтисоси забони тоҷикӣ ва адабиёт хатм намудааст.

Аз сентябри соли 2009 дар кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёт дар факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба ҳайси муаллими калон кору фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳомидов Дилмурод Раҷабович.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Офаридаев Назрӣ** – доктори илмҳои филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев ва **Тураев Бурҳон Бузургович** - номзади илми филология, ходими пешбари илмии шуъбаи забони точикии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз тарафи мудири кафедраи забони тоҷикии ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода номзади илми филология, дотсент Усмонова Мунаввара Холиқовна, номзади илми филология, дотсенти кафедраи мазкур Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна, котиби илмии ҷаласа – омӯзгор Давлатов Ифтихор Асророович ва имзову мухри ректори муассиса, доктори илми филология, профессор Гулназарзода Жило Бӯрӣ пешниҳод шудааст, зикр менамояд, ки диссертатсияи унвонҷӯ Турсунова Мунаввара Аъзамовна дар мавзуи «Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон» ба талаботи бандҳои 31-37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллиф ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида, нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М].**Турсунова, М.** Шарҳи баъзе номвожаҳои ҷуғрофии воҳаи Ҳисор дар осори таърихӣ [Матн] / М. Турсунова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – №4/5. – С. 76-81.

[2-М].**Турсунова, М., Ҳомидов, Д.** Шарҳи гидронимҳои Чағонрӯди таърихӣ дар манбаъҳои хаттӣ [Матн] / М. Турсунова, Д.Ҳомидов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2017.– №1/2 (68-69).–С.90-94.

[3-М]. **Турсунова, М.** Вижагиҳои сохтории топонимҳои Чағонруди таърихӣ [Матн] / М. Турсунова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. – Душанбе, 2018. – №2 (74). – С.128-137.

[4-М]. **Турсунова, М.** Баъзе вижагиҳои забонии гидронимҳои Чағонрӯд [Матн] / М. Турсунова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. – Душанбе, 2018. – №5/1 (77). – С.113-117.

[5-М].**Турсунова, М.** Таҳлили лингвистии оронимҳои воҳаи Сурхон [Матн] / М. Турсунова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. – Душанбе, 2019. – №6 (83). – С.83-88.

[6-М].**Турсунова, М.** Баррасии қабатҳои луғавии топонимҳои воҳаи Сурхон [Матн]/М.Турсунова//Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. – Душанбе, 2021. – №3 (92). – С.51-56.

[7-М].**Турсунова, М.** Баррасии луғавии этнотопонимҳо ва антротопонимҳои воҳаи Сурхон [Матн] / М.Турсунова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. – Душанбе, 2022. – №5 100). – С.68-72.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[8-М]. **Турсунова, М.** Сурхон воҳаси топонимларининг луғави (лексик) қатламларини ўрганиш [Матн] / М.Турсунова // Термиз давлат университетнинг илмий журнали. – Термез, 2021. – № 1 (1). – С.171-181.

[9-М]. **Турсунова, М**. Баррасии забонии ҷойномҳои тоҷикии воҳаи Сурхон [Матн] / М.Турсунова // Масъалаҳои забоншиносӣ. – Душанбе, 2022. – №1 (1). – С.108-114.

[10-М]. **Турсунова, М**. Сурхон воҳаси этнотопонимлари ва антротопонимларининг луғавий жиҳатдан ўрганилиши [Матн] / М.Турсунова // Термиз давлат университетининг илмий журнали. – Термиз, 2022. – № 4. – С.143-147.

[11-М]. **Турсунова, М**. Ибора-топонимҳои воҳаи Сурхон [Матн] / М. Турсунова // Масъалаҳои забоншиносӣ. – Душанбе, 2023, №2(3). – С.85-88.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Маҷитова Сабоҳат Ҷамиловна** – дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷии Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов, доктори фалсафа доир ба филология (PhD) – тақриз мусбат буда, дар он қайд мешавад, ки солҳои охир таҳқиқи номвожаҳои ҷуғрофӣ дар илми забоншиносии тоҷик ба яке аз масъалаҳои муҳим табдил ёфта, рисолаи унвонҷӯ низ идомаи ҳамон кори нек аст. Дар автореферати диссертатсияи такризшаванда дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия хеле муфиданд:

1. Дар таҳлили баъзе ҷойномҳо мулоҳизаҳои баъзе муҳаққиқони узбекистонӣ сарфи назар шудааст. Зеро дар таълифоти онҳо низ баъзе мулоҳизаҳо дида мешаванд, ки минбаъд онҳоро низ ба инобат гирифтан ба фоидаи кор хоҳад буд .
2. Хуб мешуд фарҳанги топонимҳои воҳа боз такмил меёфт.
3. Дар фишурда ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ ба назар мерасанд (ниг. с. 4, 6, 17).

**Мукумова Дилафруз Зиёдуллаевна** – номзади илмҳои филологӣ, PhD саромўзгори кафедраи филологияи тоҷикӣ ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Термиз ва номзади илмҳои филологӣ, PhD саромўзгори кафедраи филологияи тоҷикӣ ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Термиз **Қурбоналиева Махфират Саъдуллаевна** дар тақризи мусбати худ зикр менамоянд, ки ономастикаи забонҳои эронӣ аз ҷумлаи соҳаҳои муҳимми эроншиносӣ буда, таҳқиқи топонимҳои мавзеъҳои мухталиф, аз ҷумла воҳаи Сурхон, хеле ҷолиб ва ин мавзеъ дорои таърихи куҳан аст.

Дар забоншиносии тоҷик то ҳол кори таҳқиқотӣ доир ба ин мавзеъ ба анҷом нарасидааст. Зеро объекти таҳқиқ аз сарзаминҳои хеле бостонӣ буда, унсурҳои қадимаи забони тоҷикӣ дар шаклгирии топонимҳои ин мавзеъ нақши худро гузоштааст.

Дар автореферати диссертатсияи такризшаванда дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия хеле муфиданд:

1. Ҳангоми таҳлили топонимҳои минтақа маводи баъзе фарҳангҳои топонимии дар Узбекистон ба табърасида сарфи назар шудааст. Хуб мешуд, ки ин фарҳангҳо низ истифода мегардид.

2. Ба назари мо, доир ба мавзуи баррасишуда дар таълифоти муҳаққиқони узбекистонӣ низ баъзе мулоҳизаҳо дида мешаванд, ки минбаъд онҳоро низ ба инобат гирифтан ба фоидаи кор хоҳад буд .

3. Дар фишурда такрори фикр мушоҳида мешавад (ниг. с. 12, 19).

4. Дар фишурда ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ ба назар мерасанд (ниг. с. 4, 6, 17).

**Назаров Меҳрубон –** номзади илмҳои филология, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Такриз мусбат буда, дар он муқарриз зикр менамояд, ки таҳқиқи топонимҳои манотиқи тоҷикнишин аз масоили муҳим ва камомӯхташуда буда, диссертатсияи мазкур барои илми забоншиносӣ дастоварди муфид аст. Муҳаққиқ дар асоси гирдоварии осори илмию таърихиву ҷуғрофӣ ва маводи гирдоваришудаи ҷойномҳои воҳаи Сурхон пажӯҳиши ҳамаҷонибаву муфассалро анҷом дода, онро дар шакли рисолаи пурмуҳтаво пешниҳод кардааст. Дар қатори дастовардҳо дар автореферати диссертатсия камбудиҳо низ ҷой доранд, ки ибрози онҳо, ба андешаи мо, ба манфиати кор мебошад:

1. Маводи топонимии ҳар минтақа захираи забонии ҳам мардум ва ҳам забони адабии ин ё он халқ аст. Дар шаклгирии ҷойномҳои воҳаи Сурхон ҳам нақши забони тоҷикӣ ва ҷо-ҷо забони узбекӣ аст. Аз ин рӯ, бояд таъсири мутаносиби ҳамин забонҳо бояд нишон дода мешуд. Умед дорем, ки оянда ба ин масъала низ унвонҷӯ таваҷҷуҳ хоҳад кард .

2. Инчунин дар шинохту муайян кардани ҷойномҳои берун аз ҳудуди Тоҷикистон муҳаққиқони хориҷӣ таъсири забони тоҷикиро камтар нишон медиҳанд ва дар таълифоти худ таъсири забонҳои ғайритоҷикиву ғайриэрониро бештар нишон медиҳанд. Дар шинохти ҷойномҳои воҳаи Сурхон низ чунин амалро дидан мумкин аст. Дар иртибот ба ҳамин масъала назари муҳаққиқ он қадар равшан ифода

наёфтааст. Дар оянда ба ҳамин масоил низ диққат дода шавад.

3. Дар фишурда такрори фикр мушоҳида мешавад (ниг. с. 12, 19).

4. Дар фишурда ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ ба назар мерасанд (ниг. с. 4, 6, 17).

**Шаҳбози Рустамшо – номзади** илмҳои филология, директори филиали Муассисаи давлатии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб. Тақриз мусбат буда, дар он муқарриз зикр менамояд, ки дар забоншиносии тоҷик мавриди баррасӣ қарор додани номҷойҳои мавзеъҳои таърихии тоҷикнишини берун аз Тоҷикистони кунунӣ таърихи тулонӣ надорад ва таҳқиқи топонимҳои воҳаи Сурхон низ ба ҳамин мақсад равона гардидааст.

Бояд гуфт, ки Сурхон сарзамини бостонии қисмати ҷанубу ғарбии вилояти Бохтари бостон ва ҳоло воқеъ дар ҳудуди Ҷумҳурии Узбекистон буда, бо номи вилояти Сурхондарё ёд мешавад.

Дар автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия хеле муфиданд, аз ҷумла:

1. Дар саҳифаҳои 4, 5, 6, 11, 13, 17, 20, 22 ва 24-и автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоӣ, ҳамроҳшавии калимаҳо, нодуруст гузоштани аломатҳои китобатӣ ва бо ҳарфи хурд навиштани исмҳои хос ба назар расид, ки ислоҳи он ба фоидаи кор аст;

2. Дар саҳифаи 6-и автореферат муаллиф аз муҳаққиқони соҳа ёдоварӣ намуда, дар поварақи автореферат сарчашмаи таҳқикро нишон додааст ва аз қисми дигари олимон ва таълифоти онҳо худдорӣ намудааст. Ҳамчунин, дар матни автореферат аз муҳаққиқони маъруфи ономатолог, аз ҷумла А.Девонақулов, О. Ғафуров, С. Абодуллоева, Р. Шодиев, С. Шералиева ва дигарон истифода накардааст.

3. Ба андешаи инҷониб, хуб мебуд, ки муаллиф ҳангоми овардани ҷойномҳои воҳаи Сурхон аз овонигории лотинии байналмилалӣ, ки муаллиф дар саҳифаҳои 15, 19, 22 ва 23 нишон додааст, ба таври пурра истифода мекард, қимати илмии кор дучанд меафзуд. Ҳамчунин, дар навишти баъзе ҷойномҳо ҳарфҳои лотинӣ дар шакли ғалат навишта шудаанд.

**Саидов М. Б.** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тақриз мусбат буда, дар он қайд шудааст, ки омӯзиши ономастика аз бахшҳои муҳимми илми забоншиносӣ ба шумор

меравад. Дар забоншиносии тоҷик то ҳол таҳқиқот доир ба топонимияи воҳаи Сурхон ба анҷом нарасидааст. Зеро объекти таҳқиқ аз сарзаминҳои хеле бостонӣ буда, унсурҳои кадимаи забони тоҷикӣ дар шаклгирии топонимҳои ин мавзеъ нақши худро гузоштааст. Дар фишурдаи диссертатсия бо вуҷуди муваффақиятҳо як қатор камбудиву норасоиҳо низ ҷой доранд:

1. Дар автореферати диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои техникиву имлоӣ ва баъзан услубӣ дар ҷумлаҳо ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо ба беҳбудии сифати кор хоҳад буд.

2. Дар дохили автореферат маълумоти зиёд оид ба корҳои анҷомдодаи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ нишон дода шудааст, аммо дар поварақ кам ба назар мерасанд.

3. Мисолҳои овардашуда дар автореферати диссертатсия зиёд ба назар мерасад.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ пешниҳод намудаанд.

Шурои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки унвонҷӯ дар асоси маводи зарурӣ ва фаровон хусусиятҳои луғавӣ ва сохтории топонимияи воҳаи Сурхонро ба таври дақиқ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

**Аҳамияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки тавассути таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои луғавии топонимҳои воҳаи Сурхон роҷеъ ба баъзе вижагиҳои луғавӣ ва услубии забони адабии тоҷикӣ, бахусус роҷеъ ба қабатҳои луғавии забони тоҷикӣ, ки топонимҳо дар он нақш доранд, ибрози андеша намудан мумкин аст ва хулосаҳои илмии бадастомадаро метавон дар таълифи китобҳои дарсии таърихи забони тоҷикӣ, номшиносӣ ва ҷуғрофияи таърихию муосири ин сарзамин метавон истифода кард.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки маводи рисолаи мазкурро дар дарсҳои лексионӣ, дар курсу семинарҳои махсус аз таърихи забони тоҷикӣ, номшиносӣ (ономастика), шевашиносӣ, таърихи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар факултетҳои филология, забонҳои Аврупо ва Осиё, таърих, ҳуқуқ ва дигар риштаҳои илмҳои башардӯстӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст ва, ҳамчунин, вожаҳои махсуси ономастикиро дар

фарҳангномаҳо чун мавод истифода намудан мувофиқи мақсаду матлаб хоҳад буд.

Бо назардошти мақсади асосии пажуҳиш ва дар заминаи ҳалли вазифаҳои диссертатсия масъалаҳои асосии зерин барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд:

- баррасии топонимҳои воҳаи Сурхон аз ҷиҳати лингвистӣ ҷолиб буда, бори нахуст дар чунин шакл дар забоншиносии тоҷик таҳқиқ гардидааст;

-зикр мешавад, ки таҳлили сохторӣ ва маъноӣ-луғавии топониму микротопонимҳои минтақа ҷолиб буда, ин воҳидҳои луғавӣ дар шаклҳои сода, сохта, мураккаб ва ибора-топоним дар ҳудуди мавриди таҳқиқ дучор мешавад;

-муқаррар мегардад, ки бештари топонимҳои минтақа зимни таҳлили решашиносӣ ё этимологӣ таърихи қадима доштаанд, вале ҳоло дар натиҷаи гузашти айём ба тағйироти шакливу маъноӣ дучор шудаанд;

-нишон дода мешавад, ки роҳҳои инкишофи топониму микротопонимҳо гуногун буда, ба воситаи илова шудани формантҳо ва таъсири забонҳои дигар шаклгирии топонимҳои зиёд дар минтақа сурат мегирад;

-иброз мегардад, ки сабабҳои пайдоиши як гурӯҳ номвожаҳо марбут ба ҳодисаҳои таърихист;

-дар заминаи таҳлили маҷмуи мавод таърихи баъзе номвожаҳои ҷуғрофии воҳаи Сурхон ошкор гардида, ҷиҳатҳои забонӣ ва ҷуғрофии онҳо муайян гардида, барои пурғановат шудани таркиби луғати забони тоҷикӣ мусоидат мекунад.

Дар ҷараёни таҳқиқу баррасии масъалаҳои мазкур муҳаққиқ ба осори илмии забоншиносони маъруфи Русия, Тоҷикистону Эрон, Афғонистону Узбекистон, Қирғизистону Қазоқистон ва Туркманистон, аз ҷумла В.В.Бартолд, А.С.Андреев, Э. М. Мурзаев, Е.М.Галкина, Федорук, О.Б. Сиротина, С. Айнӣ, А. М. Мирзоев, Б. Ниёзмуҳаммадов, Н. Маъсумӣ, Д. Т. Тоҷиев, М. Н. Қосимова, Р. Ғаффоров, А. Л. Хромов, А. З. Розенфелд, Р. Х. Додихудоев, Ҳ. Маҷидов, Д. Саймиддинов, Ғ. Ҷӯраев, Д.Хоҷаев, С.Назарзода, М.Султонов, Ш. Исмоилов, Н.Офаридаев, Ҷ.Алимӣ, Д.Ҳомидов, Б.Тураев, Ризо Ашрафзода, Тақӣ Ваҳидиёни Комёр, Т.Нафасов, С. Атаниёзов, М.С. Кӯйчибаев такя кардааст.

**Усули таҳқиқ.** Усули таҳқиқоти рисолаи мазкурро усулҳои таҳлил, таркиб, мушоҳида, муқоиса, ҳамзамониву (синхронӣ) дерзамонӣ ё таърихӣ (диахронӣ), таҳлили луғавӣ-маъноӣ (лексикӣ-семантикӣ) ва сохторӣ ташкил медиҳанд, ки бо воситаи онҳо топонимҳои воҳаи Сурхон

аз замони бостон то имрӯз таҳқику баррасӣ мегарданд ва таҳаввулу тағйироти онҳо нишон дода шуда, то ба кадом поя топонимҳои воҳаи мазкур ба тағйироти куллии сифативу миқдорӣ дучор шудаанд, нишон дода мешавад.

**Саҳми фардии *муҳаққиқ*** дар он таҷассум мeёбад, ки бори нахуст топонимҳои воҳаи Сурхон аз нигоҳи маъно ва тобишҳои семантикӣ, баромад, ташаккул ва сохтор, формантҳои топонимсозу калимаҳои мураккаб дар шакли монографӣ баррасӣ гардида, сайри таърихиву ҷуғрофии ин мавзеъҳои марбут ба воҳаи Сурхон дар асоси нигоштаҳои муҳаққиқони пешин ва муосир, тафсири ҳудуди ҷуғрофӣ ва таърихии ин сарзамин, қабатҳои луғавии топонимҳо ва корбасти онҳо дар шакли маҷмуъ таҳқиқ гардидаанд.

**Баррасии эътимоднокии *натиҷаҳои таҳқиқ*:** нуктаҳои алоҳида ва натиҷаҳои таҳқиқ, ки дар шакли маърузаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмию амалӣ муҳокима гаштаанд, ҳамчунин 11 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 26-уми июни соли 2023 дар бораи сазовор донистани Турсунова Мунаввара Аъзамовна ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 15 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, 14 нафар иштирок дошт, ки аз ин 5 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мебошанд, дар ҷаласа иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 14 нафар, «зид» – нест , «баргаҳои беэътибор» – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илми филология, дотсент Каримова Дилафруз Насибовна

26.06.2023